# МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муборак бод!***

*Муҳтарам Раҳмон Дилшод Сафарбек!*

***Роҳбарият ва кормандони Маркази миллии қонунгузорӣ Шумо ва ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба муносибати 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-умин солгарди таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносӣ бо самимияти беандоза табрик менамоянд!***

***Воқеан, факултети ҳуқуқшиносӣ аз замони таъсисёбӣ то имрӯз заминаи рушду инкишофи илми ҳуқуқи тоҷик, василаи тақвият бахшидани захираи кадрҳои баландихтисос ва таҳкурсии тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосир буда, нуфузу эътибори рӯзафзуни он аз натиҷаи заҳмату талошҳои фидокорона ва меҳнатҳои садоқатмандонаи ҳайати омӯзгорону профессорон шаҳодат медиҳад.***

***Бо изҳори қаноатмандӣ ва сарафрозӣ аз ҳамкориҳои судманди мутақобила ба фаъолияти минбаъдаи факултети ҳуқуқшиносӣ муваффақияту комёбиҳои беназир ва ба ҳайати профессорону омӯзгорони муътабари он саломатии бардавом ва фаъолияти пурсамарро орзумандем!***

*Бо эҳтиром,*
*Директор* *Саидзода И.Ҳ.*